«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.

____________________

«27» 02 ____________ с. 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Унвонҷӯй Султонова Дилрабо Шодихоновна (санаи таваллуд 01 январи соли 1996) соли 2018 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси – 24010200 – ҳуқуқшиносӣ бо дипломи аъло хатм кардааст.

Султонова Дилрабо Шодихоновна дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17 ноябри соли 2020, № 453 – 05 унвонҷӯи кафедра буда, ҳоло муаллими калони кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ҳамин донишгоҳ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯй дар мавзуи “Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (аз 23 декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 5).

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 14 феврали соли 2024, № 25 дода шудааст. Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудааст:

- Таърих ва фалсафаи илм – 22 сентябри соли 2021 – баҳои 5 (аъло);
- Забони хориҷӣ (англисӣ) – 15 ноябри соли 2023 – баҳои 5 (аъло);
- Ихтисос: 12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ – 18 январи соли 2024 – баҳои 5 (аъло).

Роҳбари илмӣ Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонова Дилрабо Шодихоновна дар мавзуи “Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Баъди муҳокимаи ниҳои диссертатсияи унвонҷӯй чунин хулосаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмони биноҳои истиқоматӣ аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ дорад. Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа, замоне ки сохтмони биноҳо аз ҳисоби иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ воқеияти объективӣ мебошад, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат мегардад.

Иштирок дар сохтмони ашёи ғайриманқул, алалхусус биноҳои истиқоматӣ, аз давраҳои пеш ҳамчун шакли маъмули сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Иштирокчиён (ҳиссагузорон)-и чунин сармоягузорӣ маблағҳои худро дар лоиҳаи манзил сармоягузорӣ мекунанд ва онҳо ҳамчун сармоягузор ҳангоми иҷозат барои ба истифода додани сохтмон,

соҳиби моликияти як қисми ашёи ғайриманкул дар шакли манзил мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки ҷалби сармоягузории ҳиссагӣ дар сохтмон тибқи шартномаи ҳуқуқи маданӣ аён аст.

Аммо, дар баробари афзалиятҳои ин усули сармоягузорӣ камбудиҳои эҳтимолӣ низ мавҷуданд, ки дар иҷрои бевиҷдононаи уҳдадориҳо аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ, инчунин дар сурати мавҷуд набудани назорати дахлдори мақомоти давлатӣ аз болои фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ ва вазъи молиявии онҳо ифода меёбад. Ширкатҳои бевиҷдон аксар вақт бо маблағҳои саҳмдорон нопадид мешаванд ва онҳоро бепул ва беманзил мегузоранд.

Шартномаи ҳиссагии сохтмони бинои истиқоматӣ яке аз шартномаҳои мустақили ҳуқуқи маданӣ ба шумор рафта, хусусиятҳои хоси худро дорад ва таҳияи қоидаҳои махсуси ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии алоҳидаро тақозо менамояд. Нишонаҳои шартномаи ҳиссагии сохтмони бинои истиқоматӣ – таркиби махсуси субъективӣ, хусусиятҳои мавзуи шартнома, ҳадафҳои гуногуни тарафҳои ин шартнома, мавҷудияти унсурҳои оммавӣ, ки барои ҳимояи манфиатҳои тарафи заиф пешбинӣ шудаанд, зарурати бақайдгирии давлатии шартнома, тағйиротҳои он, инчунин додани ҳуқуқи талаб кардан тибқи шартнома имкон медиҳад, ки онро ҳамчун як шартномаи мустақил, ки ба гуруҳи шартномаҳои иҷрои кор мансубанд, баррасӣ намоем.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ шудааст, ки «бо мақсади танзими муносибатҳои марбут ба сохтмони манзил бо ҷалби маблағҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии саҳмгузорон таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ» ба роҳ монда шавад» .

Ҷалби маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои сохтмон дар қонунгузорӣ ба таври дахлдор мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода

нашудааст. Муносибати мазкур хусусияти молумулкӣ дорад, аз ин рӯ, мавзуи танзими ҳуқуқи маданиро ташкил медиҳад ва тавассути шартнома ба роҳ монда мешавад.

Дар қонунгузории маданӣ шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ мустақиман ҳамчун шартномаи мустақил баромад менамояд. Ин шартнома қаблан дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шартномаи алоҳида мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор нагирифта, муқарраротҳо вобаста ба он низ дар қонунгузории маданӣ ҷой надошт. Ҳоло бошад, бо қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918, дар боби 60 масъалаҳои ҳуқуқи мадании марбут ба сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, аз ҷумла, муқарраротҳои умумӣ вобаста ба шартномаи ҳиссагии сохтмони бинои истиқоматӣ пешбинӣ гардид. Ин муқаррароти нав бо дигар масъалаҳои ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокдорони сохтмони ҳиссагӣ, ба монанди кушодани суратҳисоби эскроу дар бонки эмитент ё миёнарав алоқамандӣ дорад.

Ширкати сохтмонӣ ҳамчун паймонкор ва дорандаи ҳуқуқ ба қитъаи замине, ки дар он бинои истиқоматӣ бунёд мегардад, наметавонад маблағҳои ҳиссагиро бе пешниҳоди ҳуҷраи маблағгузоришуда, гирад. Чунин суратҳисобҳои бонкӣ ба манфиати саҳмдор дар сохтмони бинои истиқоматӣ ва давлат мебошад, инчунин барои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ замина мегузорад.

То кунун ҷой надоштан ва аз доираи танзими ҳуқуқӣ берун мондани муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии марбут ба сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ягон мушкилиро ба бор наовардааст, чунки қонунгузории маданӣ ба ҳар як субъект имконияти бастани шартномаҳои дар қонун пешбининашудаи бо асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунҳои маданӣ мутобиқро иҷозат медиҳад. Бо ҳамин назардошт, саҳмгузорон ва ширкатҳои сохтмонӣ муносибати худро метавонистанд тавассути бастани шартномаи ҳуқуқи маданӣ дар шакли одии хаттӣ ба расмият дароранд.

Аммо, шартномаи мазкур шартномаи мураккаби ҳуқуқи маданӣ аст, ки талаботи хосса дорад.

Маҳз мавҷуд набудани талаботи ягона ва қоидаҳои ҳатмӣ дар шароити муосир омил гардидааст, ки ширкатҳои сохтмонӣ «фурӯши дукарата»-и як ашёи ғайриманқулро анҷом диҳанд. Аз ин сабаб, шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ҳатман бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, зеро мавзуи он объекти ашёи ғайриманқул (сохтмон) мебошад. Ҳамчунин, ин мавзуъ ба сифати манзили истиқоматӣ бaромад мекунад, ки аз моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Бинобар ин, пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани ҳуқуқ ба ашёи ғайриманқул, алалхусус манзили истиқоматӣ ҳатман бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Бо мақсади ташкили шароити мусоид барои ҷалби фаъоли сармоягузорӣ, таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар раванди шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони объектҳои ашёи ғайриманқул, бахусус манзилҳои бисёрҳуҷрагӣ, инчунин пурзӯр кардани кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дар сохтмони ҳиссагӣ иштироккунанда, бояд заминаҳои илмӣ дошта бошад. То ҳол дар ин мавзуъ таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом наёфта, асари мазкур барои бартараф намудани камбудиҳо дар ин самт равона шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Ҳамчун омӯзгори ботаҷриба дониши пайдо намудаашро барои баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи мадани пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқоти ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ асос меёбанд.

Дар диссертатсия талаботҳои одоби илмӣ ва риояи қоидаҳои овардани иқтибосҳо риоя карда шудааст.

Автореферати диссертатсия ба мазмуни он пурра мутобиқат дорад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои ҳуқуқи мадани дар самти иштироки шахсони воқеӣ ва дигар шахсони манфиатдор дар сохтмони ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карда, заминаи таҳия ва коркарди яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи мадани – шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ мебошад.

Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи мусоид мегузорад.

Ҳамзамон, ин дастовардҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ дар самтҳои гуногуни комплекси сохтмонии Тоҷикистон истифода шаванд.

Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи маданӣ, курси махсуси ҳуқуқи шартномавӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои он чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Хулоса, натиҷа ва нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд. Чунончӣ:

- «Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ» (Душанбе, соли 2020);
- «Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Элементы договора участия долевом строительстве» (Душанбе, соли 2021);
- «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» – маърӯза дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ» (Душанбе, соли 2021).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯй 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Султонова Д.Ш. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 10(2). – С. 265-271. ISSN 2413-5151.

2. Султонова Д.Ш. Баъзе масъалаҳо оид ба шартҳои муҳимми шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 1. – С. 138-144. ISSN 2413-5151.

3. Султонова Д.Ш. Мафҳум ва моҳияти иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 2(22). – С. 113-120. ISSN 2414 9217.

4. Султонова Д.Ш. Таносуби шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Ҳаёти хуқуқӣ. – 2021. – № 1(33). – С. 129-139. ISSN 2307 – 5198.

5. Ғаюрзода Ш.К., Султонова Д.Ш. Вазъи ҳуқуқии фармоишгар дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №1(37).– С.141-149.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

6. Султонова Д.Ш. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ» – кафолати муҳимми ҳуқуқи инсон ба манзил [Матн] / Д.Ш. Султонова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2020. – С. 20-25.

7. Султонова Д.Ш. Элементы договора участия в долевом строительстве [Матн] / Д.Ш. Султонова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон» бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шомурат Менглиев. – Душанбе, 2021. – С. 122-130.

8. Султонова Д.Ш. Вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ [Матн] / Д.Ш. Султонова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ». – Душанбе, 2021. – С. 234-245.

9. Султонова Д.Ш. Ташаккулёбии падидаи замонат дар ҳуқуқи гражданӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи "Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ", бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70 - солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Сино, 2019. – С. 281.

10. Султонова Д.Ш. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ [Матн] / М.И. Исмоилова, Д.Ш. Султонова // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – №2. – С. 89-91. ISSN 2410-2903.

**Ҳамин тавр, аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин қарор қабул гардид:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯй - Султонова Дилрабо Шодихоновна дар мавзуи "Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, унвонҷӯй арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руӣ ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд 17 нафар. Тарафдор – 17 нафар, зид ва бетараф нест.

Суратҷаласа аз 24 феврали соли 2024, № 7.

**Иҷрокунандаи вазифаи раиси ҷаласа,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ:** **Қурбонов Қ. Ш.**

**Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедра:** **Хоҷамуродов Д. Г.**

**Имзоҳои Қурбонов Қ. Ш. ва Хоҷамуродов Д. Г. – ро тасдиқ мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э. Ш.**

24.02.2024

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-17; 734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10**
**Факс: (+992-37) 227-15-10**
**E-mail: info@tnu.tj**